# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚАРОР

## Дар бораи Қоидаҳои муқаррар намудани андозаи бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратӣ ва тартиби бастани шартномаи истифодабарии захираҳои табиӣ

Мутобиқи моддаҳои 298, 300 ва 304 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қоидаҳои муқаррар намудани андозаи бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратӣ ва Тартиби бастани шартномаи истифодабарии захираҳои табиӣ тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011, № 426 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои муайян намудани меъёрҳои бонуси обунавӣ, меъёрҳои бонуси кашфи тиҷоратӣ, бастани қарордодҳои истифодаи қаъри замин ва Тартиби гузаронидани экспертизаи ҳатмии андози қарордодҳои истифодаи қаъри замин» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе, аз 28 феврали соли 2025, № 120

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 феврали соли 2025, № 120

**Қоидаҳои муқаррар намудани андозаи бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратӣ**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои муқаррар намудани андозаи бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратӣ (минбаъд – **Қоидаҳо**) тартиби муқаррар намудани андозаи бонуси обунавӣ ва кашфи тиҷоратиро муайян менамояд.

2. Асос барои ҳисоб ва муайян намудани андозаи бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки алоҳида ин захираи канданиҳои фоиданок ва арзиши он мебошад.

3. Арзиши металлҳои қиматбаҳо (тилло, нуқра ва платина) ва металлҳои дигар дар асоси нарх дар биржаи металлҳои Лондон, металлҳои қиматбаҳои Лондон ё биржаи байналмилалӣ (минтақавӣ), ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи геология дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, ҳисоб карда мешавад.

4. Арзиши навъҳои алоҳидаи канданиҳои фоиданоки маъмулӣ дар сохтмон истифодашаванда дар асоси мониторинги ҳар семоҳаи нархҳои ҷории фӯрухташавандаи захираҳои моддӣ, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меъморӣ ва сохтмон мутобиқи Қоидаҳои нархгузории корҳои сохтмонӣ ва тартиби муқаррарнамудаи «Маҷмуаи нархҳои миёнаи харҷномавӣ ва захираҳои сохтмонӣ» муайян карда мешавад. Дар ҳолатҳои дигар арзиши захираҳои канданиҳои фоиданок аз рӯйи нархҳои таҳвили на кам аз ду субъекти соҳибкорӣ дар шаҳр, ноҳия ё минтақаи дахлдор аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи геология дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурин Тоҷикистон муайян карда мешавад.

5. Агар дар Қоидаҳои мазкур муқаррароти дигар пешбинӣ нашуда бошад, арзиши канданиҳои фоиданок аз рӯйи арзише, ки дар биржаи байналмилалӣ (минтақавӣ) дар давраи ҳисоби андоз ташаккул ёфтааст, муайян карда мешавад.

## 2. ТАРТИБИ МУҚАРРАР НАМУДАНИ АНДОЗАИ БОНУСИ ОБУНАВӢ ВА БОНУСИ КАШФИ ТИҶОРАТӢ

6. Андозаи бонуси обунавӣ барои ҳар як намуди фаъолият оид ба истифодаи захираҳои табиӣ дар алоҳидагӣ муқаррар карда мешавад.

7. Фаъолият оид ба истифодабарии захираҳои табиӣ корҳои зеринро дар бар мегирад:

- омӯзиши геологӣ, аз ҷумла ҷустуҷӯ, арзёбӣ ва иктишофи геологии конҳои канданиҳои фоиданок ва тадқиқотҳои дигари геологӣ;
- истихроҷи канданиҳои фоиданок;
- истихроҷи нафту газ аз чоҳҳои аз эътибор соқитшуда;
- истифодаи канданиҳои фоиданоки маъмул;
- ҷамъоварии ҷинсҳои қишрҳои минералогӣ, палеонтологӣ ва кӯҳӣ;
- истифодабарии захираҳои табиии дигар, аз ҷумла истифодаи партовҳои истихроҷи маъдани кӯҳӣ ва коркарди онҳо.

8. Андозаи ибтидоии бонуси обунавӣ барои омӯзиши геологӣ барои ҳар як шартномаи басташаванда дар ҳаҷми зерин муқаррар карда мешавад:

| р/т | Намудҳои омӯзиши геологӣ | Андозаи ҳадди ақалии бонуси обунавӣ (аз рӯйи нишондиҳанда барои ҳисобҳо) |
|---|---|---|
| 1 | Омӯзиши геологӣ дар майдонҳои нафту газ | 5000 |
| 2 | Омӯзиши геологии канданиҳои фоиданоки маъданӣ | 3000 |
| 3 | Омӯзиши геологии канданиҳои фоиданоки ғайримаъданӣ, ба ғайр аз корҳои омӯзиши геологии канданиҳои фоиданоки маъмул | 1000 |
| 4 | Омӯзиши геологии партовҳои истеҳсолӣ ва эфилҳои дар натиҷаи корҳои ис тихроҷӣ бавуҷудомада | 100 |
| 5 | Омӯзиши геологии ҷамъоварии ҷинсҳои минералогӣ, пленонтологӣ ва кӯҳӣ | 50 |

9. Андозаи ибтидоии бонуси обунавӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки алоҳида аз рӯйи ҳар як шартномаи басташаванда дар ҳаҷми зерин муайян карда мешавад:

- барои истихроҷи нафти хом, конденсати газ ва гази табиӣ аз рӯйи формулаи (С х 4 %) + (Сп х 1%), вале на камтар аз андозаи 20000 (бист ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои конҳои калон; 10000 (даҳ ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои конҳои миёна; 5000 (панҷ ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои конҳои хурд;

- барои истихроҷи канданиҳои фоиданок, ба истиснои канданиҳои фоиданоке, ки дар сархатҳои якум, сеюм, чорум, панҷум ва шашуми банди мазкур муайян шудаанд, аз рӯйи формулаи (С х 1%) + (Сп х 0,50%), вале на камтар аз андозаи 10000 (даҳ ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои конҳои калон; 5000 (панҷ ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои конҳои миёна ва 2500 (ду ҳазору панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои конҳои хурд;

- барои истихроҷи ангишт аз рӯйи формулаи (С х 1%) + (Сп х 0,50%), агар ҳаҷми захираи кон зиёда аз 10 млн тонна бошад бо меъёри 1,5% аз ҳаҷми воқеии истихроҷ;

- барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки маъмул аз рӯйи формулаи (С х 1%), вале на камтар аз 1000 (ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои истихроҷи обҳои зеризаминӣ, ашёи хоми кӯҳии кимиёвӣ ва обҳои гарм ба андозаи 3000 (се ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои истихроҷи партовҳои истеҳсолии канданиҳои фоиданок ва маҳсулоти коркарди онҳо аз рӯйи формулаи (С х 1%), вале на камтар аз андозаи 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

**Эзоҳ:**

1. Меъёри барои истихроҷи ангишт пешбинигардида нисбат ба суъектҳое, ки то қабули Қоидаҳои мазкур бонуси обунавиро пурра пардохт намуданд, татбиқ намегардад.

2. Субъектҳое, ки маблағи бонуси обунавиро қисман пардохт намуданд, пас аз мавриди амал қарор гирифтани Қоидаҳои мазкур бонуси обунавиро аз рӯйи ҳаҷми воқеии истихроҷи захираҳои боқимонда пардохт менамоянд.

3. Дар формулаи С - арзиши маҷмуии захираҳои канданиҳои фоиданоки тасдиқнамудаи Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба захираҳои канданиҳои фоиданок аз рӯйи категорияҳои саноатии А, В, С1 ва Сп - арзиши маҷмуии захираҳои канданиҳои фоиданоки пешакӣ баҳододашудаи категорияи С2, ки Комиссияи

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба захираҳои канданиҳои фоиданок тасдиқ намудааст ё дар хулосаи Комиссияи мазкур ба маълумот гирифта шудаанд, ҷойгираст.

10. Бонуси кашфи тиҷоратӣ аз истифодабарандаи захираҳои табиӣ барои ҳар як кашфи канданиҳои фоиданок бо меъёри 0,01% аз нархи захираҳои табиии кашфшуда, ки онҳоро Комиссияи давлатии захираҳои канданиҳои фоиданоки Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, ситонида мешавад.

## 3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

11. Шахсоне, ки муқаррароти Қоидаҳои мазкурро риоя намекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 феврали соли 2025, № 120

**Тартиби бастани шартномаи истифодабарии захираҳои табиӣ**

1.Тартиби бастани шартномаи истифодабарии захираҳои табиӣ (минбаъд - **Тартиб**) қоидаҳои бастани шартномаи истифодабарии захираҳои табиӣ байни истифодабарандаи захираҳои табиӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи геология ва тартиби мувофиқа намудани шартномаи истифодабарии захираҳои табииро бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян менамояд.

2.Шахсони ҳуқуқӣ аризаи дахлдорро бо замимаи нусхаи иҷозатнома барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ барои бастани шартномаи истифодаи захираҳои табиӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи геология пешниҳод менамоянд.

3.Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи геология дар давоми 15 рӯзи тақвимӣ лоиҳаи шартномаи истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳуҷҷатҳои ба он алоқамандро барои мувофиқа ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

4.Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати 15 рузи тақвимӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи геология хулосаи расмии худро вобаста ба лоиҳаи шартнома пешниҳод менамоянд.

5.Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи геология пас аз дастрас намудани хулосаҳои дахлдори Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи истифодабарии захираи табииро бо истифодабарандаи захираҳои табиӣ ба имзо мерасонад ё рад менамояд.

6.Ҳангоми дар давоми то 30 рӯзи тақвимӣ аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод намудани эъломия ва пардохти маблағи бонуси обунашавии муайяншуда, пас аз гирифтани иҷозатнома (иҷозат) оид ба омӯзиши геологӣ, ки андозаи бонуси обунавии он дар ҷадвали банди 8 замимаи 1 қарор муқаррар шудааст ва оид ба

истихроҷи канданиҳои фоиданоки маъмул, ки андозаи бонуси обунавии онҳо то 5000 нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад, истифодабарии захираҳои табиӣ бе бастани шартнома амалӣ карда мешавад.

7.Бо дар назар доштани қисми 4 моддаи 298 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми бе иҷозатнома ва бе бастани шартнома истифода гардидани захираҳои табиӣ, андозҳо барои истифодаи захираҳои табиӣ (бонусҳои обунавӣ) барои тамоми давраи чунин фаъолият дар ҳаҷми меъёри дукаратаи муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои мазкур ситонида мешаванд ва чунин шахс мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

8.Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шартномаи истифодабарии захираҳои табиӣ тибқи Тартиби мазкур сурат мегирад.